# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ.**

Ҳарчанд ки дар забоншиносии даврони шуравӣ ва замони истиқлол корҳои илмии мансуб ба таҳқиқи шеваву лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ зиёд анҷом ёфтаанд, аммо ҳанӯз ҳам дар атрофи лаҳҷашиносии тоҷик масъалаҳои зиёди таҳқиқношуда мавҷуданд, ки пажуҳиши онҳо муҳим ба шумор меравад. Хусусан, омӯзиши қабатҳои луғавии шеваҳои тоҷикӣ ва таҳқиқи муқоисавии ин қабатҳо имрӯз мавзуест, ки ниёз ба таҳқиқоти вижаро дошта, дар забоншиносии муосири тоҷик паҳлуҳои баҳсталаб дар ин самт мавҷуданд. Аз ин рӯ, диссертатсияи доктории Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» дар забоншиносии навин яке аз корҳои илмие маҳсуб мешавад, ки то ба ҳол ба таври ҷиддӣ ва дар шакли як рисолаи мукаммали диссертатсионӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Дар забоншиносии тоҷик бори нахуст калимаҳои хоси шева чун қабати лексикӣ дар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи ҶӮ ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ аз ҷиҳати назариявӣ ба таври мукаммал таҳқиқу пажуҳиш шудаанд.

Диссертатсияи Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович аз муқаддима, 3 боб ва хулосаву тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, ҳар як боб дар такя ба сарчашмаҳои муътамад бо услуб хуби илмӣ таҳқиқ

шуда, дар ҳар кадом саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаву баҳсҳои илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддима диссертатсия мубрамияти мавзуи интихобнамуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ва робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ё мавзуоти таҳқиқ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, ки воқеан, дар илми забоншиносии точик ва дар самти шинохту таҳқиқи муқоисавии лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия – **«Масъалаи таҳқиқ ва таснифи калимаҳои хоси шева»** аз чаҳор фасл иборат буда, муаллиф кӯшидааст дар онҳо қаблан роҷеъ ба таҳқиқи калимаҳои хосси шева дар забоншиносии хориҷӣ, бахусус забоншиносии даврони шуравӣ ва имрӯзи рус, баъдан дар атрофи пажуҳиши воҳидҳои мазкур дар забоншиносии тоҷик – ҳам даврони шуравӣ, ҳам замони истиқлол андешаронӣ кунад. Дар ҳамин боб муаллиф дар хусуси мафҳумҳои вожаҳои шевагӣ, таснифои онҳо ва ҳудуди интишори вожаҳои мазкур таҳқиқот бурда, вижагиҳо ва масоили марбут бар таснифоти вожаҳои хоси шеваро ҳал намудааст.

Дар боби 2-юми диссертатсия - **«Роҳҳои ташаккули калимаҳои хоси шева»** муаллиф дар доираи се фасл ва 13 зерфасл роҷеъ ба роҳҳои ташаккули калимаҳои шевагӣ, вижагии калимасозӣ дар бунёду пайдоиши вожаҳои шевагӣ, вижагиҳои забонӣ ва иштиқоқи онҳо,

хусусиёти таърихии вожаҳои фавқуззикр ва таснифоти морфологии онҳо таҳқиқот бурдааст. Муаллиф дар ҳалли масъалаи асосии дарпешгузошта, бахусус муайян кардани роҳҳои ташаккули калимаҳои хоси шева муваффақ гардидааст.

Дар боби 3-юми диссертатсия – **«Таснифи мавзуии калимаҳои хоси шева»** муаллиф роҷеъ ба хусусиёти лексикӣ-семантикии вожаҳои мустаъмал дар лаҳҷаҳои тоҷикии воҳаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ва баррасии қиёсии онҳо дар алоқамандӣ бо маъниву мафҳум андешаронӣ кардааст. Дар ин боб муаллиф оид ба ҷанбаҳои мавзуии калимаҳои хоси шева ба таври мукаммал суханронӣ намудааст, ки таҳқиқи луғоти марбут бар ашё, мафоҳими хешутаборӣ, марбут бар хонаву ҳавлӣ, хӯрокворӣ, инсон, либос, асбоби ороиш, кӯрпаву матоъҳо, марбут бар ҳайвонот, парандагон ва ҳашарот, гиёҳҳову наботот, марбут бар ҷашну маросим, марбут ба луғоти ғайриашёӣ ва амсоли инҳо, аз мавзуъҳои калидии таҳқиқот дар боби мазкур ба ҳисоб мераванд. Ҷанбаи амалии ин боб низ қавӣ буда, муаллиф зимни баррасии қисмати назарияи ҳар фасл мисолҳои зиёдеро мариди истифода қарор додааст.

**Хулосаи диссертатсия** Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович дар 22 банд натиҷагирӣ шуда, дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ истинод оварда мешавад.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар иртибот бо мавзуи таҳқиқаш 2 монографияи илмӣ ва 41 мақолаи илмиро ба нашр расонидааст. Аз мақолаҳои илмӣ 23-то дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 18-тои боқимонда дар дигар маҷмуаву нашрияҳо чоп гардидаанд. Маводи банашррасида бо мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқи диссертатсионии унвонҷӯ робитаи зич дошта, нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни онро инъикос менамоянд ва, бад-ин тариқ, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Бо вуҷуди муваффақиятҳо, дар таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович баъзе камбудиву ғалатҳо мушоҳида мешаванд, ки ҷиҳати тахкими ҳусну қубҳи таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф зикри онҳоро зарур мешуморем:

1. Боби 1-уми диссертатсия ба ду фасл тақсим шуда, дар фасли 1-ум муаллиф роҷеъ ба гузаштаи шевашиносӣ дар забоншиносии хориҷӣ ва дар фасли 2-юм роҷеъ ба собиқаи пажуҳиши ин мавзуъ дар забоншиносии тоҷик маълумот додааст. Ба андешаи мо, хуб мебуд, муаллиф вобаста ба дараҷаи омӯзиши ин қабати луғавӣ ин фаслҳоро ба ду зерфасли дигар: шевашиносии хориҷӣ аввал дар асри XX (дар зерфасли 1-ум), баъдан дар асри XXI (дар зерфасли 2-юм) гурӯҳбандӣ мекард.

2. Зимни баёни калимаҳои хоси шеваҳои мавриди назар муаллиф расмулхатти лотиниро мавриди корбурд қарор медод ва гунаи тоҷикии калимаҳоро дар қавсайн меовард, беҳтар буд.

3. Дар иртибот бо корбурди баъзе истилоҳот дар кор духӯрагӣ ба чашм мерасад. Масалан, муаллиф дар як ҷой истилоҳи “зербоб” ва дар ҷойи дигар “фасл”-ро ба кор бурдааст.

4. Дар диссертатсия баъзан ғалатҳои имлоӣ ва китобатӣ ба назар мерасанд. Чунончи, исми хоси “Узбекистон” дар кор, ҳатто дар дохили худи унвони асосии он, бо ҳарфи “ӯ” оварда шудааст, ҳол он ки бар тибқи тағйирот дар имлои забони тоҷикӣ корбурди ҳарфи мазкур дар кулли вожаҳои иқтибосӣ манъ аст.

Ин эродҳои гирифташуда ҷузъӣ буда, онҳо ислоҳпазиранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба арзиши илмии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонад.

Диссертатсияи Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович таҳти унвони “Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба талаботи “Низомномаи шурои

диссертатсионӣ" ва "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй мебошад.

Муаллифи диссертатсия Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарриз, доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов Шафоатов Азал Нусратович

Имзои доктори илмҳои филологӣ Шафоатов А.Н.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов Расулов Маъруф

Суроға: 734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯч. Лучоб, 53
Телефон: (+992-37) 224-73-77; факс: 224-56-87.
E-mail: mehrpaivand@inbox.ru

«06» марти соли 2024